## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ)**

Тадқиқоқоти илмии Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи маориф, ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ, ки айни муддао дониста мешавад, фаро гирифтааст. Диссертатсияи илмӣ асосҳои назариявии масъаларо бо такя ба натиҷаи таҳқиқи олимони шинохтаи ватанию хориҷӣ, таҳлилу омӯзиши асарҳои илмӣ, мушоҳида ва хулосабарорӣ инъикос намудааст. Омӯзиши санҷишӣ натиҷаи таҳқиқи назариявии корро дар амал татбиқ гардонида, дар доираи диаграммаҳо ва ҷадвалҳо нишон дода шудааст.

Мубрамияти тадқиқотро метавон дар ба амал омадани пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар самти тайёр намудани мутахассисони забондон ва омӯзгорони забонҳои хориҷӣ аз ҷумлаи «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» ба ҳисоб меравад. Таҳия ва ба тасвиб расидани санадҳои мазкур олимону мутахассисон ва устодони муассисаҳои таълимии мухталифи ҷумҳуриро вазифадор месозад, ки баҳри такмил додани ҷараёни таълим, сифати ин раванд ва омода намудани забондонҳо масъулияти калон эҳсос намоянд.

Тадқиқоти илмии масъалаи мазкур имкон медиҳад, ки пеш аз ҳама мушкитоти ҷойдоштаро муайян сохта, муҳиммияти ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забонҳои англисӣ, бахусус забони англисро илман асоснок намоем ва роҳҳои рафъи мушкилоти ҷойдоштаро пешниҳод созем. Назирқулов Т. ҳангоми интихоби мавзӯи илмӣ, мақсадгузорӣ маҳз гуфтаҳои болоро ба инобат гирифта, дар доираи имкониятҳои худ масъаларо таҳқиқ намудааст.

Ҳангоми омӯзиши масъалаи таҳқиқ диссертант корҳои илмӣ-тадқиқотии олимони соҳаро, ки дар даврони то истиқлолияти давлатӣ ва баъд аз истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро анҷом ёфтаанд, мавриди омӯзиш қарор дода, хулосабарорӣ кардааст. Диссертант ба як қатор олимони маъруфи соҳаҳои гуногун, ки ба масъалаи тайёр намудани омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ корҳои илмӣ анҷом додаанд (В.Д. Аракин, И.Л. Бим, В.А Бухбиндер, М.Л. Вайсбурд, И.В.

Рахманов, Т.В. Рогова, И.Д. Салистра, К.И. Соломатов, С.Ф. Шатилов), такя намудааст. Ин ба  Назирқулов Т.А. имкон додааст, ки масъаларо ба таври васеъ омӯзад.

Вобаста ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи таҳқиқотии Т.А. Назирқулов асарҳои коркардшуда дар назария ва амалия аз ҷониби олимони тоҷик (С.Г. Бандаев, Л.М. Иматова, М.Р. Юлдошева, Б. Маҷидова, Ҷ.Х. Файзализода, Н.Н. Шоҳиён, Х. Раҳимзода, Н.М. Юнусова, А. Мамадназаров, Г.Р. Рустамова, Д.Я. Шарипова, С. Хоҷазод, С. Хоҷаева) низ шумораи зиёди корҳои илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, дар автореферати диссертатсия ишора шудааст. Гарчанде, ки таҳқиқ дар атрофи масъалаи мазкур амалӣ гашта бошанд ҳам, Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович аз диди нав ва дар шароити муосир омӯзишу таҳқиқи иттилоотикунонии раванди таълим мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Автореферати диссертатсия муҳтавои онро пурра инъикос менамояд. Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ зикри нуқтаҳои муайянро низ зарур мешуморем, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани муҳтавои рисолаи илмӣ мусоидат хоҳад намуд:

1. Дар боби якуми диссертатсия, саҳифаи 17 қайд шудааст, ки  олими рус АА. Вербетский дар рӯйхати адабиёт [42] ишора гардидааст, вале дар матни диссертатсия [181] омадаст.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши илмии кори диссертатсионии Назирқулов Тағаймурод Абдурасуловичро ва ҳамчунон натиҷаҳои комёбшудаи ӯро оид ба раванди тадқиқоти мазкур коста ё халалдор намегардонанд.

Нуқтаҳои фавқуззикр асолат ва арзиши илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо метавонад ба осонӣ роҳандозӣ шавад.

Матни автореферат бо таваҷҷуҳи соҳа таҳия шуда, мавқеи муаллифи таҳқиқотро ифода мекунад, сифати баланди таҳлили тадқиқотҳои қаблан иҷрошударо нишон медиҳад, таҳлили асарҳои илмӣ ва маводи таълимиро инъикос мекунад. Натиҷаҳои тадқиқот навоварии илмӣ дошта, дорои арзиши амалӣ мебошанд.

Мазмуни автореферат асосии диссертатсияро ифода менамояд ва ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ мебошад.

Ба хулосае омадем, ки вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» ба талаботи

КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 7, 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти рақами № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Назиркулов Т. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои
хориҷии Донишгоҳи славянии
Руссия ва Тоҷикистон — Ахмедова Гулнора Усмоновна

Имзои дотсент Г.У. Ахмедоваро
тасдиқ менамоям. Сардори шуъбаи
кадрҳои ДСРТ — Алиев А.Ҷ.

ОТДЕЛ КАДРОВ

**Барои тамос:**
Сурога: 734025 ш.Душанбе,
Кӯчаи М. Турсунзода 30
Тел.:+(992) 907767044
E-mail: axmedova-1958@mail.ru

Подпись заверяю 07.09.2020г.
Начальник ОК РТСУ
Алиев А.Д.